ФИШУРДААХБОР

КОТИБОТИ ШӮРОИ МАШВАРАТИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ОИД БА БЕҲТАР НАМУДАНИ ФАЗОИ САРМОЯГУЗОРӢ

# *Дастовардҳои ислоҳот дар самти соддагардонии расмиёти гирифтани иҷозат барои сохтмон*

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати беҳтар намудани нишондиҳандаҳои кишвар дар ҳисоботи "Пешбурди соҳибкорӣ"-и Бонки ҷаҳонӣ, ки танзими давлатии фаъолияти соҳибкориро дар кишварҳои олам арзёбӣ мекунад, аз ҷумла дар самти соддагардонии расмиёти гирифтани иҷозат барои сохтмон як қатор чораҳои назаррас ва босамарро татбиқ намуда истодааст.

***Тадбирҳо:***

1. **Бекор кардани тартиби гузаштани экспертизаи давлатии лоиҳа**

Тибқи зербанди 6, банди 1 фармоиши Кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июли соли 2018, №74 барои ҳуҷҷатҳои лоиҳакашии анборхонаҳо бо андозаи на бештар аз 1350 м2 гузаронидани экспертизаи давлатӣ талаб карда намешавад. Дар робита ба ин, вақти зарурӣ барои гирифтани иҷозат барои сохтмон 20 рӯз кам карда шуд. Зеро мувофиқи қисми 40 боби 6 Тартиби гузаронидани расмиёти маъмурӣ вобаста ба амалӣ намудани фаъолияти шаҳрсозӣ аз 2 апрели соли 2015, № I92 мӯҳлати гузаронидани экспертизаи давлатии объектҳои масоҳаташ зиёда аз 1000 метри мураббаъ на зиёда аз 20 рӯзи кориро ташкил медиҳад.

*Дар натиҷаи бартараф намудани зарурати гузаронидани экспертизаи давлатии лоиҳакашии анборхонаҳои андозаи на бештар аз 1350 м2 хароҷоти расмии кулли расмиёт барои гирифтани иҷозат барои сохтмони анборҳо дар шаҳри Душанбе ба* ***20 рӯзи корӣ коҳиш ёфта****, миқдори расмиёт* ***ба 1*** *адад кам гардид.*

2. **Дар шаҳри Душанбе "Равзанаи ягона" барои гирифтани иҷозат барои сохтмон ташкил карда шуд**

Рӯзи 16 декабри соли 2019 фаъолияти Маркази "Равзанаи ягона" барои гирифтани хуҷҷати иҷозатдиҳӣ дар соҳаи сохтмон дар назди Сарраёсати меъморӣ ва шаҳрсозии шаҳри Душанбе оғоз карда шуд. Бо ҷорӣ гардидани Равзанаи ягона субъектҳои соҳибкорӣ ва корхонаи тиҷоратӣ метавонанд барои гирифтани иҷозат ба номи шаҳрдории Душанбе тариқи речаи онлайн аризаи худро дар сомонаи www.memori.tj пешниҳод намоянд. Ба Равзанаи ягонаи мазкур 12 мақомоти иҷозатдиҳанда пайваст шудаанд, аз ҷумла Шабакаҳои барқии шаҳрӣ, Барқи Тоҷик, Шабакаи гармидиҳии шаҳрӣ, КВД "Обу корезии шаҳри Душанбе", Хадамоти алоқаи шаҳрӣ ва дигар мақомот. Механизми "Равзанаи ягона" барои гирифтани иҷозати сохтмон, ба корхонаҳо барои сабти ном ва дархост намудани иҷозати сохтмон бидуни боздид аз мақомоти иҷозатдиҳанда кӯмак менамояд.

Дар сомонаи www.memori.tj номгӯи ҳуҷҷатҳои зарурӣ барои гирифтани ҳуҷҷатҳои иҷозатдиҳӣ барои сохтмон ва намунаи ҳуҷҷатҳо, платформа барои бақайдгирӣ ва кушодани аккаунт ва ба тариқи электронӣ пешниҳод намудани

дархост барои гирифтани шартҳои техникӣ, супориши меъморӣ ва банақшагирӣ ва иҷозати сохтмон ҷойгир шудааст.

Ин усул ба соҳибкорон барои барканор намудани он душвориҳое, ки дар пешниҳоди ҳуҷҷатҳо ба таври хаттӣ пеш меомад, кӯмак менамояд. Қаблан субъектҳои соҳибкорӣ ба як қатор мақомот ҷиҳати гирифтани ҳуҷҷатҳои иҷозатдиҳӣ ташриф меоварданд. Акнун ин чараён метавонад **дар давоми 5-6 рӯз** ба анҷом расад. Ҳоло аз соҳибкор барои гирифтани иҷозати сохтмон **ариза барои баҳодиҳии вазифаҳои меъморӣ ва банақшагирӣ ё ин ки иҷозат аз хизматрасонии коммуналӣ, ҳамоҳангии шиносномаи техникӣ ва дигар ҳуҷҷатҳо** талаб карда намешавад. Сарраёсати меъморӣ ва шаҳрсозии шаҳри Душанбе якҷо бо Бонки ҷаҳонӣ дар таҳияи барномаи дастгирӣ барои "Равзанаи ягона" бо мақсади автоматикунонии ин чараён мунтазам ҳамкориро ба роҳ мондааст. Имрузҳо системаи нави дохилии Душанбе, барномаи дастгирӣ ва веб-саҳифаҳо пурра амал намуда истодаанд.

То инҷониб аз лаҳзаи фаъолият тавассути «Равзанаи ягона»154 иҷозати нав барои сохтмон дода шуд ва зиёда аз 940 дархост баррасӣ гардид. Аз ҷумла дар давраи мазкур дода шуд:

- 154 иҷозат барои сохтмон
- 102 адад шартҳои техникӣ
- 120 адад супоришҳои мемориву банақшагирӣ
- 114 адад лоиҳаҳои пурра мувофиқашуда
- 57 ҳуҷҷати тақсимоти иншоот
- 80 адад лоиҳаҳои мувофиқашудаи рангуборкунии техникии иншоотҳо
- 30 адад лоиҳаҳои мувофиқашудаи ташкилотҳои сохтмонӣ
- 283 суроғаҳои электронии шахсони воқеию ҳуқуқӣ

*Механизми "Равзанаи ягонаи иҷозати сохтмон" имкон медиҳад, ки 40 фоизи вақт барои гирифтани иҷозате, ки дар шаҳри Душанбе дода мешаванд ва 74 фоизи хароҷоти бахши хусусӣ сарфа карда шавад. То ба имрӯз тавассути "Равзанаи ягона" 55 иҷозати нави сохтмонӣ дода шудааст ва бисёр аризаҳои иловагӣ баррасӣ карда шудаанд.*

## 3. Дастурамал барои гирифтани иҷозат оид ба сохтмони анбор тасдиқ карда шуд

Бо мақсади соддагардонии расмиёти гирифтани иҷозат барои сохтмон ва баланд бардоштани мавқеи кишвар дар арзёбии ҳисоботи «Пешбурди соҳибкорӣ» Дастурамал барои гирифтани иҷозат оид ба сохтмони анбор тибқи методологияи ҳисоботи «Пешбурди соҳибкорӣ» таҳия ва тибқи фармоиши Кумитаи меъморӣ ва сохтмон аз 13 декабри соли 2018, №124/ф тасдиқ карда шуд.

*Тибқи Дастурамали мазкур сохтмони анборхонаҳо мувофиқи методологияи ҳисоботи «Пешбурди соҳибкорӣ», яъне сохтмони анбор дар қитъаи худ такроран ҷудо намудани қитъаи замин ва мувофиқа бо мақомоти дахлдор, гузаронидани экспертизаи давлатии ҳуҷҷатҳои лоиҳакаширо талаб намекунад.*

4. **Тартиби пардохти иҷозат барои сохтмони бино ва иншоот дар шаҳри Душанбе**

Инчунин, гирифтани иҷозат барои оғози корҳои сохтмонӣ барои иншооти иҷтимоӣ ва иншооти истеҳсолӣ тибқи банди 6-и Тартиби пардохти иҷозат барои сохтмони бино ва иншоот дар шаҳри Душанбе, ки бо фармони Раиси шаҳри Душанбе аз 18 майи соли 2020 қабул карда шудааст, ба таври ройгон амалӣ карда мешавад.

*Барои маълумоти иловагӣ оид ба ин мавзуъ, хоҳишмандон метавонанд ба котиботи Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар кардани фазои сармоягузорӣ бо телефони 44 601-00-27 ё нишонии электронии secretariat@investmentcouncil.tj ҳамчунин ба сомонаи Котибот: www.investmentcouncil.tj. муроҷиат намоянд.*

***Эзоҳ: Вобаста ба ислоҳот дар самти беҳтар намудани нишондиҳандаҳои дигари ҳисоботи "Пешбурди соҳибкорӣ"-и Бонки ҷаҳонӣ минбаъд маълумот пешниҳод карда мешавад.***